87

ҒАФФОРОВА М.Қ.

# АСОСҲОИ ФАЛСАФА

ДУШАНБЕ – 2012

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

ҒАФФОРОВА М.Қ.

# АСОСҲОИ ФАЛСАФА

Нашри 2-юм, пурра ва саҳеҳшуда

*Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мактабҳои олии мамлакат ҳамчун китоби дарсӣ тавсия намудааст*

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
212033
КИТОБХОНА

ДУШАНБЕ – 2012

ББК 87 Я 73
Ғ- 46

Ғ – 46 Ғаффорова Мунзифа Қаҳҳоровна – д.и.ф., профессор. Асосҳои фалсафа. Душанбе, 2012, 184 с.

Муқарризон: узви вобастаи АУ ҶТ доктори илмҳои фалсафа, профессор Муҳаммадхоҷаев Аҳмадҷон,

доктори илмҳои фалсафа, профессор Саидов Абдуманон,

доктори илмҳои фалсафа, профессор Идиев Хайриддин,

доктори илмҳои фалсафа, Назариев Рамазон

Муҳаррир: Абилова Гуландом- номзади илмҳои фалсафа

# МУҚАДДИМА

## 1. Пайдоиши фалсафа

Дар ҷараёни инкишофи иҷтимоӣ дар зинаи баркамоли ӯ шакли махсуси шуури ҷамъиятӣ – шуури фалсафӣ ташаккул меёбад ва илми фалсафа ҳамчун таҷассуми ин шуур ва таҳлилгару баёнгари масъалаҳои муҳими ҷаҳонбинӣ пайдо мешавад. Тавлиди фалсафа ҷараёни дурударози гузариш аз ҷаҳонбинии асотирӣ ба ҷустуҷӯи пояи зеҳнии ҷаҳонбинӣ буд.

Илми фалсафа дар ҳамон замон ва дар ҳамон ҷой пайдо мешавад, ки ҷамъияти ибтидоӣ-общинагӣ ба ҷамъияти синфӣ иваз мешаваду шуури фалсафӣ инъикоси худинкишофёбию худшиносии шахс ва гузариш ба ҷомеаи мутамаддин мегардад. Фалсафа ҳамчун шакли махсуси фаъолияти маънавии шахс натиҷаи табаддулоти бузурги фарҳангӣ дар Ҳиндустону Чину Юнони қадим (асрҳои VI-V п. аз м.) буд. Заминаи ҷамъиятию сиёсии ин табаддулот пайдоиши фазои муҳокимаи озоди масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавию ахлоқӣ буданд.

Робитаҳои нави фалсафаи имрӯза бо рушди ҷомеа, хусусан робитаи ӯ бо сиёсат, такмили вазифаи ҷаҳонбинии ӯро талаб менамояд.

Бунёди ҷомеаи демократии инсонпарвар натанҳо табаддулоти ҷиддиро дар шуури ҷамъиятӣ, балки инъикоси пешакии дигаргуниҳои ҳаёти маънавиро дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва афзудани проблемаҳои ҷаҳонишавӣ тақозо менамояд.

## 2. Мафҳуми ҷаҳонбинӣ. Навъҳои таърихии ҷаҳонбинӣ (асотир, дин, фалсафа):

**Ҷаҳонбинӣ** – маҷмӯи ақидаҳои умумӣ роҷеъ ба воқеият, табиат, ҷамъият, мақоми инсон дар ҷомеа, тазоҳури ақидаҳои мазкур дар рафтору амалиёти онҳо мебошад.

Дарачахои чахонбинӣ : ҳиссӣ-равонӣ ва маърифатӣ –ақлӣ.

Ҷиҳати ҳиссӣ-эҳсосӣ рӯҳияю ҳисро дарбар мегирад ва дар шаклҳои зерин зоҳир мегардад – хурсандӣ, рӯҳбаландӣ, саодат, мувозинат, маъюсӣ, рӯҳафтодагӣ, худбинӣ, хушбахтӣ, бадбахтӣ ва ғ.

Ҷиҳати маърифатӣ- ақлӣ донишҳо, арзишҳо буда, дар робита бо эҳсосу ирода ба эътиқод табдил меёбад. Эътиқод - ақидаҳое, ки одамон фаъолона қабул мекунанд ва ба мақому мақсади онҳо мутобиқанд.

Асотир- калимаи арабӣ буда, маънояш ҳикоя, қисса ва достонҳои ниёгон мебошад.

Шуури асотирӣ – навъи махсуси шуури ҷамъияти ибтидоӣ буда, шаклҳои умумии ҳастиро ба воситаи воқеаҳои алоҳида инъикос менамояд.

Дар асотир байни зуҳуроту моҳият, эҳсосу идрок, айнию зеҳнӣ, падидаҳои табиату фарҳанг, инсону табиат тафовуте вуҷуд надорад. Пас худшиносии инсон ҳам эътироф намешавад. Аз сабаби мавҷуд будани тасаввуротҳои фавқултабиӣ дар асотир унсурҳои динӣ ҳам мушоҳида мешаванд.

Шакли асотирии ҳастии иҷтимоии инсон далели возеҳи пайвастагии фард бо шароити истеҳсоли бевоситаи ҳаёти худ, шароите, ки дар ягонагии ҷомеаи қабилагӣ воқеӣ мегардад. Ҳамин шакли общинагии ҳастии иҷтимоӣ иттиҳоди табиатан ташаккулёфтаро ифода менамояд ва заминаи тамоми сохторҳои робитаҳои байни одамон мешавад. Дар ҳамингуна сохтор шуури фардӣ бо шуури коллективӣ мутобиқ меояд ва таҷрибаи ҳаррӯзаи онҳо барои моҳиятро аз зуҳурот фарқ намудан эҳтиёҷ надорад.

Вазифаҳои асотир - робитаи замонҳои пешину имрӯз ва ояндаро пойдор менамояд, тасавворoти якҷояи ин ё он мардумро ташаккул медиҳад, пайванди маънавии наслҳоро таъмин мегардонад.

Дин - тасаввуротҳои хаёлии инсон дар бораи қувваҳои табиӣ ва муносибатҳои иҷтимоие, ки аз болои